Бо қарори мушовара
аз «__» _________ соли 2017,
№______ тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

2. Низомнома мақсад, вазифа ва ташкили раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз низоми таҳсилоти фосилавӣ муайян мекунад.

3. Низоми таҳсилоти фосилавӣ дастрасии таҳсилоти олии касбиро новобаста аз мавзеи ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва субъектҳои раванди таълим таъмин менамояд.

4. Дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ва маводи иттилоотии таълимӣ дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ асосан дар шакли электронӣ, бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ ва моҳворавӣ таъмин карда мешавад.

5. Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ба истифодаи усулҳои муосири тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо мусоидат менамояд.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

6. Дар Низомнома мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ** – маҷмӯи ҳуҷҷатҳоест, ки тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ мазмуну мундариҷаи таҳсилотро аз рӯи ихтисоси зинаи таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд;

- **захираҳои электронии таълим** - маводи таълимию электроние мебошад, ки мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии ихтисос ва нақшаҳои таълимӣ маҷмӯи ҳатмии барои азхуд намудани барномаҳои таълимӣ таҳиягардидаро дар бар гирифта, ҳамзамон қисми таркибии маҷмӯи таълимию методии электрониро ташкил менамояд ва дар муҳити таълимию иттилоотии электронӣ ҷойгир карда мешвад;

- **маҷмӯи таълимию методии электронӣ** - захираҳои электронӣ ва воситаҳои таълим мебошад, ки бо мақсади азхуд намудани барномаи фанҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст;

- **муҳити таълимию иттилоотии электронӣ** - маҷмӯи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва воситаҳои техникию технологӣ, ки аз худ намудани барномаҳои таълимиро аз ҷониби донишҷӯён новобаста аз макони ҷойгиршавиашон таъмин менамояд;

- **низоми таҳсилоти фосилавӣ** - ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботие мебошад, ки дар фосила татбиқ намудани раванди таълимро имконпазир мегардонад;

- **технологияи таҳсилоти фосилавӣ** - технологияҳои таълимие мебошанд, ки асосан тавассути шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, ҳамкории бевоситаи донишҷӯёну омӯзгорон ва ҳайати таълимию ёрирасон роҳандозӣ карда мешавад;

## 3. БАНАҚШАГИРӢ ВА ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

7. Раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ пурра бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

8. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои таълимиро аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи низоми таҳсилоти фосилавӣ тибқи талаботи мазмуну мундариҷаи ҳадди ақали стандартҳои давлатии таълимии ихтисосҳо таҳия ва барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд.

9. Барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ дар ҳолате пурра татбиқгардида ҳисобида мешаванд, ки агар аз ҷониби донишҷӯён ҳаҷми умумии кредитҳои барои нақшаҳои таълимии шакли таҳсили рӯзонаи ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқарраргардида 100% аз худ карда шавад.

10. Ҳаҷми умуми меҳнатталабӣ барои дарёфти дараҷаи академии бакалавр мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли таҳсил (рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ) барои ихтисосҳои амалкунанда (муҳлати таҳсил 4 сол) – 240 кредит муқаррар карда шудааст.

11. Таносуби кредитҳои шаклҳои корҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми на камтар аз 24 кредити машғулиятҳои аудиторӣ, 48 кредити корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва 168 кредити корҳои мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад.

12. Корҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шакли ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ (лексия, машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинарӣ), корҳои мустақилонаи

донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ва корҳои мутақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) ба роҳ монда мешаванд.

13. Ҳадди ақали ҳаҷми машғулияҳои аудитории ҳузурӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда мешавад ва донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулиятҳои дарсӣ ҷалб карда шаванд.

14. Бо мақсади таъмини самараноки истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои машғулиятҳои аудитории фосилавӣ (дарсҳои лексионӣ) кредитҳо аз ҳисоби ҳаҷми меҳнатталабии корҳои мутсақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҷудо карда мешавад.

15. Ҳаҷми кредитҳое, ки тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои машғулиятҳои аудитории фосилавӣ (дарсҳои лексионӣ) аз ҳисоби корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҷудо карда мешавад, бояд на камтар аз 50%-и ҳаҷми умумии меҳнатталабии ин шакли корҳои таълимиро ташкил диҳад.

16. Машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ тибқи низоми таҳсилоти фосилавӣ гузаронидани дарсҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ ва семинариро дар бар гирифта, ҳангоми баргузор намудани сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо ҷалби бевоситаи донишҷӯён ба машғулиятҳои дарсӣ ба роҳ монда мешавад.

17. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ба таври фосилавӣ дар шакли шунидани лексия тавассути технологияи иттилотӣ-иртиботӣ ва иҷрои корҳои назоратӣ, реферат, гузаронидани машварат, мусоҳибаҳо, супоридани имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, ҳимояи кору лоиҳаҳои курсӣ, ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ташкил карда мешавад.

18. Яке аз шаклҳои асосии корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгорро иҷрои корҳои назоратӣ ташкил медиҳад. Барои фанҳои таълимии бахши фанҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодию иҷтимоии нақшаҳои таълимӣ ва бахши фанҳои табиатшиносию риёзии нақшаҳои таълимӣ - 1 ва барои фанҳои таълимии бахши фанҳои умумикасбӣ ва бахши фанҳои тахассусии нақшаҳои таълимӣ - 2 кори назоратӣ муқаррар карда мешавад.

19. Назорат ва гузоштани баҳо ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ҳамчун ягонагии чунин шаклҳои корҳои таълимӣ ташкил карда мешавад:

- фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ва худбаҳодиҳии донишҷӯён;
- назорат ва баҳогузорӣ ба фаъолияти таълимии донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорони фанҳои таълимӣ, комиссияҳои имтиҳонии фаннӣ ва аттестатсияи хатм, сохторҳои назоратии давлатӣ ва ғайра.

20. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун фаъолияти мустақилона аз худ намудани маводи таълимӣ аз ҷониби ӯ муқаррар карда шуда, ба

таври фосилавӣ таҳти назорати бевоситаи омӯзгор дар шакли иҷро намудани маҷмӯи вазифаҳои хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навиштани реферат, эссе ва муаррифии маводи ҷамъоварда дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ ба роҳ монда мешавад.

21. Тибқи талаботи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз худ намудани кредитҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ) ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ) барои омӯзиши тамоми фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ) пешбинӣ карда мешавад.

22. Кредитҳои тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ) ҷудогардида ба сарбории таълимии омӯзгор бо пардохти маблағ ворид карда мешаванд.

23. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои мутобиқ гардонидани низоми назорат ва баҳодиҳӣ ба натиҷаи корҳои мустақилонаи донишҷӯён (корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ) бояд дорои барномаи электронии идоракунии раванди таълим бошанд.

24. Барномаи электронии идоракунии раванди таълим бояд дар асоси талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи низомҳои таҳсилоти кредитӣ ва фосилавӣ, ҳамчунин нишондиҳандаҳои дигари танзимкунандаи раванди таълим ва назорати сифати таҳсилот таҳия гардида, хусусияти хоси фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба инобат гирад.

25. Дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ҷиҳати самаранок ташкил намудани раванди таълим тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то оғози даври академии якум бо донишҷӯёни соли аввали таҳсил курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ, ки масъалаҳои зеринро дар бар мегирад, ташкил ва баргузор карда шавад:

- омӯзонидани низоми таҳсил бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ;

- шарҳи технологияи таҳсилоти фосилавӣ бо мақсади ба роҳ мондани табодули иттилоот байни донишҷӯён ва омӯзгорон, донишҷӯён ва кафедра, садорати факултет, раёсати таълим ва дигар воҳидҳои сохтории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

- шинос намудани донишҷӯён бо тартиби ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣи ҳузурӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ), корҳои мустақилонаи донишҷӯ (корҳои ғайриаудиторӣи фосилавӣ), қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтингҳои академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ;

- омӯзондани қодаҳои банақшагирӣ ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (ташкил ва баргузор намудани дарсҳои лексионии фосилавӣ, иҷрои корҳои назоратӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавии 1 ва 2, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ,

муайян намудани рейтингҳои академии донишҷӯён);

- муайян намудани тарзи истифодаи маводи таълимӣ ва баргузор намудани машварат бо омӯзгорон тавассути технологияи фосилавӣ;

- шарҳи талабот оид ба иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ (маҷмӯи супоришҳои вазифаи хонагӣ, супоришҳои тестӣ, навишатни реферат, эссе ва муаррифии маводи таълимии ҷамъоварда);

- шарҳи низоми баҳогузорӣ ба имтиҳонҳои фосилавӣ, рейтинги академии донишҷӯён ва имтиҳонҳои ниҳоӣ;

- муаррифии шароити дастрасии маҷмӯи таълимию методии электронӣ;

- муайян намудани рамз ва логини донишҷӯён барои кор дар муҳити таҳсилоти фосилавӣ.

## 3. ЗАХИРАҲОИ АСОСИИ ИТТИЛООТӢ

26. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таъмини раванди таълим бо маводи таълимӣ масъул мебошанд. Бо мақсади ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ бояд барои ҳар як ихтисос маводи таълимии электронии зерин омода карда шавад:

- нақшаи таълимӣ;
- барномаҳои таълимии фанҳо;
- барномаҳои кории фанҳои таълимӣ (силлабусҳо);
- мавод барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии омӯзгор (нусхаи электронии дарсҳои лексионии фосилавӣ, супоришҳои тестӣ, саволҳои хаттӣ барои қабули имтиҳонҳои фосилавӣ ва талаботи муайян намудани рейтинги академии донишҷӯён, мавзӯи корҳои назоратӣ, кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва ғайра);
- мавод барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (маҷмӯи таълимию методии электронии фанҳои таълимӣ, мавзӯи рефератҳо, эссе ва ғайра);
- китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- рӯйхати адабиёт;
- мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (нақша ва барномаи таҷрибаомӯзӣ, намунаи шаклҳои ҳисоботдиҳӣ ва ғайра);

27. Барои таъмини раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ дар баробари захираҳои (манбаъҳои) анъанавии иттилоотӣ, воситаҳои таълими фосилавӣ, аз қабили китобҳои махсуси мувофиқ ба низоми мултимедӣ, маҷмӯҳои таълимию методии электронӣ, китобҳои таълимии дарсӣ, барномаи компютерию тренингӣ, машғулиятҳои амалии электронӣ, маҷмӯи супоришҳои тестии санҷишӣ, филмҳои таълимӣ, сабтҳои аудио ва видеоии маълумот, маъхазҳои дигари барои таъминоти барномавӣ аз рӯи алоқаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ пешниҳод шудаанд, истифода мешаванд.

28. Ба сифати захираҳои асосии иттилоотӣ дар раванди таълим заминаҳои иттилоотии методии коркардшудаи таҳсилоти фосилавӣ баромад мекунанд, ки ҳангоми истифодаи он талаботи муосирро таъмин карда, вобаста ба ҳаҷм ва мазмуни худ ба талаботи Стандарти давлатии

таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд.

29. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таълим тибқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунанда барои азхуд намудани курси муқаддимавӣ оид ба истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ва захираи асосии иттилоотӣ то як ҳафта вақт муқаррар намуда, ҷиҳати ташкил ва гузаронидани он шароит фароҳам меоранд.

## 5. НИЗОМИ БАҲОДИҲӢ

30. Назорати ҷорӣ, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, муайян намудани рейтинги академӣ ва қабули имтиҳонҳои ниҳоии донишҷӯён, ҳамчунин аттестатсияи хатмкунандагон аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти низоми кредитии таҳсилот ва истифода аз воситаҳои электронӣ амалӣ карда мешавад.

31. Ҳайати омӯзгорон таҳсилоти фосилавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд тавассути воситаҳои ташкилию методии иртиботии раванди таълим ба роҳ монда, машварат, назорати ҷории пешрафти донишҷӯёнро новобаста аз маҳалли ҷойгиршавии худ бо истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ ва дигар воситаҳо амалӣ гардонанд.

32. Дар низоми таҳсилоти фосилавӣ қабули имтиҳонҳои ниҳоии донишҷӯён аз ҷониби комиссияҳои фаннӣ ва аттестатсияи хатми хатмкунандагон аз ҷониби комиссияҳои аттестатсионӣ ба таври ҳатмӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

## 6. ТАЛАБОТ БА ПОЯИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

33. Талаботи асосии ташкили раванди таълим дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мавҷуд будани барномаи электронии идоракунии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

34. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низоми таҳсилоти фосилавиро бояд тибқи талаботи зерин ба роҳ монад:

- дастрасии маҷмӯи таълимию методии электронии фанҳои таълимӣ ва ё кейсҳои махсус (барнома, маводи дарсӣ, маҷмӯи инфиродӣ) бо истифода аз воситаҳои мултимедӣ;
- дастрасии низоми иттилоотии корпоративии гардиши ҳуҷҷатҳо ( низоми электронӣ), ки раванди таълимро ба пуррагӣ идора мекунад;
- таъмини раванди таълим бо омӯзгороне, ки бевосита барои фаъолият дар муҳити иттилоотию таълимии муосир тайёр карда шудаанд;
- фаъолнокии сомонаи муассисаи таълимӣ;
- дастрасии муассисаи таълимӣ ба шабакаи интернет;
- мавҷудияти почтаи электронӣ барои ҳар як омӯзгор ва ҷалби донишҷӯён ҷиҳати истифодаи самараноки он дар раванди таълим;

- татбиқи низоми баҳогузории сатҳи дониши донишҷӯён тибқи низоми кредитии таҳсилот.

35. Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ, ба мақсад мувофиқ будани тарзи коргузорӣ ва натиҷаи корҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

36. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи нақшаи таълимӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар машғулиятҳои лабораторию амалӣ иштирок намуда, аз талаботи истифодаи кори лабораторои виртуалӣ бархӯрдор бошанд.

37. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ, ки тибқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии ихтисосҳо ба нақша гирифта шудаанд, шароит фароҳам месозанд.

38. Раванди таълимро ҳайати омӯзгорон, кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон таъмин менамоянд.

39. Ҳангоми интихоби (ҷалби) омӯзгорон ва таъини кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон сатҳи салоҳиятҳои касбии онҳо бо назардошти малакаи истифодаи технология ва низоми хизматрасонии иттилоотӣ ба инобат гирифта мешавад.

40. Омӯзгорон дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ бояд бо донишҷӯён бевосита ё бо истифода аз интернет (фароҳам сохтани муҳити таълимию иттилоотии электронӣ ва ё дигар воситаҳои иртиботӣ) ҳамкорӣ намуда, миқдори машваратҳо ва тақвими баргузории онҳоро барои ҳар як донишҷӯ ё гурӯҳи донишҷӯён муайян ва бо раёсати таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқа намоянд.

41. Кормандони муҳандисию техникӣ кори пайвастаи воситаҳои комютерӣ, алоқа ва техникии таълимро ташкил намуда, барои таъмини раванди таълим бо истифодаи технологияи таҳсилоти фосилавӣ масъул мебошанд.

42. Сатҳи салоҳиятҳои касбии омӯзгорон, кормандони муҳандисию техникӣ ва таълимию ёрирасон бо шаҳодатномаҳои такмили ихтисос оид ба ҳуқуқи истифодабарии технологияи таҳсилоти фосилавӣ ва таҷрибаи иштирок дар татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи низоми таҳсилоти фосилавӣ тасдиқ карда мешавад.

43. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ такмили ихтисос ва маҳорати касбии ҳайати омӯзгорон ва кормандони ёрирасонро метавонанд аз рӯи технологияи таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монад.

## 7. ТАШКИЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР РЕҶАИ ON-LINE Ё OFF-LINE

44. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар реҷаи «On-line» то оғози сессияи таълимӣ (дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ) дар шакли ҳамгироии раванди таълими мустақим бо

истифода аз видеоконфронсҳо, чат, вебинар, видеодарсҳо, тамос бо телефон ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

45. Машғулиятҳои таълимӣ дар реҷаи «Off-line» шакли ҳамгироии раванди таълим ба шумор рафта, дар он робитаи омӯзгор ва донишҷӯ ба воситаи сомонаи муассиса ва почтаи электронӣ тариқи иҷро намудани супоришҳои фосилавии омӯзгор то оғози сессияи таълимӣ (дар ҳафтаҳои таълими назариявии як даври академӣ) сурат мегиранд.

46. Рейтинги академӣ мувофиқи талаботи нақшаи таълимӣ ва ба таври зерин баргузор мегардад:

- суҳбати мустақими донишҷӯ бо омӯзгор дар реҷаи Off-line бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ;
- истифодаи маҷмӯи таълимию методии электронӣ;
- баҳодиҳӣ ба корҳои назоратии донишҷӯён.

47. Донишҷӯёне, ки тибқи нақшаи таълимӣ корҳои назоратӣ ва дигар супоришҳоро иҷро намудаанд, барои супоридани рейтингҳои академӣ роҳ дода мешаванд.

## 8. ВАЗИФАҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

48. Назорати раванди таълимро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуъба (ё бахш)-и таҳсилоти фосилавии қисми таълим ба роҳ мемонад.

49. Шуъба (ё бахш)-и низоми таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ раванди таълимро бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар фазои ягонаи таҳсилоти электронӣ ташкил менамояд.

50. Шуъба (ё бахш)-и низоми таҳсилоти фосилавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ дар фазои ягонаи таҳсилоти электронӣ вазифадор аст:

- фазои ягонаи таҳсилоти электрониро идора кунад;
- ба кафедраҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ёрии методӣ ва техникӣ расонад;
- навиштани тақриз ва экспертизаи захираҳои (манбаъҳои) таълимию методиро бо ҷалби мутахассисони соҳа ташкил намояд;
- муносибати байни иштирокчиёни раванди таълимро таъмин намояд;
- озмоишҳои тестиро ташкил ва баргузор намуда, суратҷаласаҳои онро тартиб диҳад ва дар баробари нигоҳ доштани нусхаи асл, нусхаи зеракси онҳоро ба омӯзгорони фанҳои таълимӣ ва садорати факултет пешниҳод намояд.

51. Кафедра технологияи таҳсилоти фосилавиро дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода, вазифадор аст:

- маҷмӯи таълимию методии электронии аз маводи зарурии таълимӣ иборатбудаи фанҳои таълимиро ҷиҳати таъмин ва татбиқи раванди таълим дар шакли чопӣ ва электронӣ омода созад;

- ҳайати омӯзгорони соҳибкасбро барои иҷрои корҳои таълимӣ ва илмию методӣ бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ ҷалб намояд.

52. Донишҷӯ аз портали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муҳити таълимию иттилоотии электронӣ, мусоҳибаҳои омӯзгорон оид ба масъалаҳои ба раванди таълим бо истифода аз технологияи таҳсилоти фосилавӣ алоқаманд, бе мамоният истифода мебарад.

## Тавзеҳоти таносуби ҳаҷми кредитҳои машғулиятҳои аудиторӣ, КМРО ва КМД дар низоми таҳсилоти фосилавӣ

***(барои зинаи бакалавриат, мухлати таҳсил - 4 сол)***

Ҷадвали 1

| № б/т | Номи бахшҳо | Ҳаҷми кредитҳо мувофиқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ | Шакли назорат (аз рӯи семестрҳо) | | Ҳаҷми кредитҳои фаъол | Аз ҷумла: | | КМД (тавасс ути ТИ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Имтиҳон | ҳимояи КМД | | аудитори (хузурии фаъол) | КМРО (хузурии г/фаъол) | |
| I | **Бахши фанҳои гуманитарӣ** | **48** | | | **14** | **6** | **8** | **34** |
| II | **Бахши фанҳои табиатшиносию риёзӣ** | **18** | | | **6** | **3** | **3** | **12** |
| III | **Бахши фанҳоиумуми касбӣ** | **67** | | | **20** | **6** | **14** | **47** |
| IV | **Бахши фанҳои тахассусӣ** | **92** | | | **28** | **9** | **19** | **64** |
| V | **Бахши корҳои ғайриаудиторӣ** | **15** | | | **4** | **0** | **4** | **11** |
| | **Ҳамагӣ:** | **240** | | | **72** | **24** | **48** | **168** |

Ҷадвали 2

| № | **Шакли корҳои таълимӣ** | **Шарҳи таносуби кредитҳо ва тартиби ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ** |
|---|---|---|
| 1 | Машғулиятҳои аудитории ҳузурӣ | 50 %-и кредитҳои машғулиятҳои лексионӣ ва 100%-и машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ ва семинариро дар бар мегирад, ки бо ҷалби бевоситаи донишҷӯён ба машғулиятҳои дарсӣ дар давраи сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешаванд. |
| 2 | КМРО (дарсҳои лексионӣ ва корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) | 50%-и кредитҳои машғулиятҳои лексионӣ ва 50%-и кредитҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгорро (бо истифода аз технологияи иттилоотӣ - тариқи Он-лайн система ё истифода аз дискҳое, ки рафти машғулияти лексионӣ дар онҳо пурра сабт гардидааст) ташкил медиҳад. |
| 3 | КМД (корҳои ғайриаудитории фосилавӣ) | 100% иҷрои супоришҳо, корҳои назоратӣ ва корҳои дигари инфиродиро аз ҷониби донишҷӯ ва назорату баҳодиҳии онҳоро аз ҷониби омӯзгор бо истифода аз технологияи иттилоотӣ |
| 4 | Рейтинги академии 1 (имтиҳонҳои фосилавӣ) | Қабули рейтингҳои академии донишҷӯён 100% бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд. |
| 5 | Рейтинги академии 2 (имтиҳонҳои фосилавӣ) | |
| 6 | Имтиҳонҳои ниҳоӣ | 100% ҳузурӣ қабул карда мешаванд. |
| 7 | Таҷрибаомӯзиҳо | 100% ҳузурӣ гузаронида мешавад. |
| 8 | Аттестатсияи хатм | 100% ҳузурӣ гузаронида мешавад. |